# ШАРҲИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2017

*Устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2017 пас аз сармоякунонии бонкҳои муаммодор, барҳам хӯрдани ду бонки мушкилотдор ва 11 адад ТАҚХ, инчунин бо андешидани чораҳои солимгардонӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, нисбатан беҳтар гардида, аксар нишондиҳандаҳои он талаботҳои муқарраргардидаро иҷро менамоянд. Илова бар ин, дар ин давра бинобар мукаммалсозии сохтори низоми бонкӣ, амалисозии тадбирҳои мушаххас ҷиҳати коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол ва мутобиқ гардидани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба вазъи воқеии бозор, хавфҳои низоми бонкӣ тамоюли коҳишёбӣ доштанд.*

**Кифоятии сармоя.** Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) ҳамчун нишондиҳандаи асосии инъикоскунандаи устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ (бонкҳо ва ТАҚХ) пурра иҷро гардида, дар ҷамъбасти соли ҳисоботӣ 22,9 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 5,9 банди фоизӣ зиёд мебошад. Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда дар низоми бонкӣ, бинобар беҳтар шудани сифати дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ коҳиш ёфтанд.




**Пардохтпазирӣ.** Дар соли 2017 дороиҳои пардохтпазири низоми бонкӣ ба андозаи 4,0 фоиз коҳиш ёфта, ба 30,1 фоизи дороиҳои умумӣ баробар гардид. Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат бошад, бинобар афзудани ҳаҷми пасандозҳои дархостӣ (53,8 фоиз) дар низом, 9,2 фоиз зиёд шуданд, ки ба сатҳи умумии меъёри пардохтпазирӣ таъсири манфӣ расонид. Аз ин рӯ, новобаста аз пурра (73,7 фоиз) иҷро гардидани талаботи меъёри пардохтпазирӣ (К2-1) дар сатҳи низом, нишондиҳандаи мазкур нисбат ба соли қаблӣ 10,2 банди фоизӣ кам мебошад.




Дараҷаи пардохтпазирии бо асъор ифодаёфта дар низоми бонкӣ ба 79,6 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 7,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Ташкилотҳои қарзӣ дар фаъолияти худ кӯшиш менамоянд, ки уҳдадориҳои кӯтоҳмуддати асъориро бо пули миллӣ пардохт намуда, дороиҳои пардохтпазири асъориро зиёд намоянд.

**Даромаднокӣ.** Дар соли ҳисоботӣ, бинобар кам гардидани хароҷотҳои амалиётӣ ва зиёд намудани арзиши хизматрасониҳо, фаъолияти низоми бонкӣ мусбӣ ҷамъбаст гардида, сатҳи даромаднокии дороиҳо ва сармоя мувофиқан ба 0,5 фоиз ва 1,7 фоиз баробар гардиданд. Нишондиҳандаҳои мазкур дар интиҳои соли 2016 мутаносибан -2,8 фоиз ва -21,1 фоизро ташкил намуданд.

**Сифати сандуқи қарзӣ.** Вобаста ба татбиқи чораҳои солимгардонӣ ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) 10,9 банди фоизӣ коҳиш ёфта, 36,0 фоизро ташкил намуд. Сатҳи қарзҳои ғайрифаъол дар бонкҳо ва ТАҚХ мувофиқан ба 42,5 фоиз ва 9,1 фоиз баробар гардид.

Вобаста ба коҳиш ёфтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, дар соли 2017 нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол 19,3 банди фоизӣ афзуда, ба 58,8 фоиз баробар гардид. Илова бар ин, нишондиҳандаи қарзҳои калон нисбат ба сармояи танзимшаванда (К3-2) 59,8 банди фоизӣ коҳиш ёфта, 72,2 фоизро ташкил намуд.

**Хавфи асъорӣ.** Таҳлилҳо собит менамоянд, ки дар робита бо пеш гирифтани сиёсати дедолларикунонии Бонки миллии Тоҷикистон мавқеи кушодаи кӯтоҳи асъорӣ дар давоми соли ҳисоботӣ раванди коҳишёбӣ дошта, пайваста таъсири хавфи асъориро ба низоми бонкӣ коҳиш медиҳад. Дар ҷамъбасти сол мавқеи умумии кушодаи асъорӣ дар ташкилотҳои қарзӣ кӯтоҳ буда, -9,5 фоизро ташкил намуд, ки меъёри муқарраршуда (К6-1)-ро таъмин намуд.

Илова бар ин, дар соли ҳисоботӣ 54,8 фоизи қарзҳои низоми бонкиро қарзҳо бо асъори хориҷӣ ташкил дод, ки нисбат ба соли қаблӣ 4,0 банди фоизӣ кам мебошад. Ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ бошад, дар ҳаҷми умумии пасандозҳои низоми бонкӣ дар муқоиса ба соли қаблӣ 7,0 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ба 55,4 фоиз баробар гардид.

*3. Даромаднокии дороиҳо ва сармоя*




*4. Сифати сандуқи қарзӣ*




*5. Нишондиҳандаҳои хавфи асъорӣ*




** Таҳлилҳо дар асоси маълумотҳои оморӣ ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон гузаронида шудаанд.*